**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи: «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

Яке аз масъалаҳои мубрами рушди иқтисодиёти муосир – таҳқиқ ва такмили бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна ба таҳқиқи ҳамин масъалаи муҳим бахшида шудааст. Муаллиф ба таври ҳамачониба паҳлӯҳои назариявӣ ва амалии мавзуро таҳлил намуда, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии бозори мазкурро дар заминаи равандҳои рақамикунонӣ пешниҳод менамояд.

Дониши чуқури назариявӣ, маҳорати таҳлилӣ ва қобилияти коркарди моделҳои иқтисодӣ–математикӣ аз сатҳи баланди омодагии илмии довталаб шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, таҳияи механизми такмилёфтаи рушди бозори алоқаи мобилӣ ва муайянсозии самтҳои афзалиятноки он яке аз дастовардҳои арзандаи илмии муаллиф ба шумор меравад.

Аҳамияти амалӣ ва илмию назариявии таҳқиқот равшан баён гардида, пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмии муаллиф метавонанд дар сиёсати давлатии рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт, фаъолияти ширкатҳои телекоммуникатсионӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Мавқеи муҳими дигар ин аст, ки ҳамаи нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида аз навоварӣ, таҳлили амиқ ва асоснокии илмӣ бархурдоранд. Муаллиф мавзуи таҳқиқотро амиқ дарк намуда, маҳорати баланди таҳқиқотиро нишон додааст.

Дар баробари натиҷаҳои баланди гирифта дар автореферати диссертатсия хусусиятҳои ҷудогонаи истифодаи алоқаҳои мобилӣ дар рақамикунонии соҳаҳои муайяни иқтисодиёт оварда мешуданд таҳқиқоти кори диссертатсиониро боз ҳам бой мегардонд.

Вале ин камбудӣ қимати баланди илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунад.

Бо дарназардошти муҳимияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти баланди амалӣ доштаи таҳқиқот бо боварии пурра қайд кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯй буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи баҳисобгирии**
**бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии**
**Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур** **Шарифов З.Р.**

**Адрес: 734003, ш. Душанбе, ДАТ ба номи Шириншоҳ Шотемур,**
**пр. Рудакӣ, 146. Тел.: 905004400, E-mail: zarif_sharifov49@mail.ru**

**Имзои Шарифов Зариф Раҳмоновичро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи таъминоти**
**ҳуқуқӣ ва кадрҳо** **Қурбонзода А.Х.**